# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

- мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Абдуғафури Сафар актуалӣ буда, дар он бори аввал хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои оилаи лабгулҳои Lamiaceae Mart. қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд;

- мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 03.02.01– Ботаника, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 03.02.01 – Ботаникаро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Банди 1. Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо; Банди 4. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда; Банди 6. Сохтор ва ҷараёни пӯшиши набототӣ ва қисмҳои таркибии он – фитосенозҳо, бо мақсади муносибсозӣ, идоракунии маҳсулнокии онҳо, ташкили оилаҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника); Банди 10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра).

Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад;

-оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб, дар асоси таҳқиқоти васеи геоботаникӣ як қатор масъалаҳои асосии илмӣ дар ботаника, ки аҳамияти калони хоҷагӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Ҳангоми иҷроиши корҳои саҳроӣ, омода намудани навиштаҷотҳои геоботаникӣ методикаи иҷроиши корҳои саҳроӣ оид ба

геоботаника, фенология ва биоморфологияи мактабҳои илмии олимони Русия ва Тоҷикистон истифода шудаанд.

Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд. Натиҷаҳои рисола оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулҳо барои дар мактабҳои олӣ дар тайёр кардани курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои систематикаи растаниҳо, захирашиносӣ, инчунин семинарҳои калон аз ихтисоси ботаника ва дендрология тавсия карда мешаванд;

-дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, инчунин 2 мақола дар маҷмуаи конфронсҳо нашр гардидааст;

-эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба истифодаи усулҳои замонавӣ ва маъмули геоботаникии мактаби ботаникии Русия ва Тоҷикистон асос ёфтааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои олимон И.Г. Серебряков (1952), Б.А. Доспехов (1985), С. Рахимов (2007), Н.М. Сафаров (2017), Д. Сатторов (2020) анҷом дода шудааст;

- комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки диссертатсия ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад;

- комиссияи экспертӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, пешниҳод менамояд:

**Мамадризохонов Акбар Алихонович** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи география ва сайёҳии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев;

**Ҳайдарова Назирахон Раҳимҷоновна** – номзади илмҳои биологӣ, корманди калони илмии шуъбаи «Биотехнология ва биоэкология»-и Маркази илмии Хуҷанди АМИТ.

Ба сифати **муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тавсия дода шавад.

- комиссияи экспертӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссия ва муассиса иҷозат медиҳад;
- нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия хулоса пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдуғафури Сафарро дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 03.02.01 – Ботаника мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Мамадризохонов Акбар Алихонович** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи география ва сайёҳии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев;

- **Ҳайдарова Назирахон Раҳимҷоновна** – номзади илмҳои биологӣ, корманди калони илмии шуъбаи «Биотехнология ва биоэкология»-и Маркази илмии Хуҷанди АМИТ.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ интихоб карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ
узви вобастаи АМИТ Алиев Қ.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои биологӣ Қурбонова П.А.

номзади илмҳои биологӣ Наврузшоева Г.Х.

«09» 06 соли 2025.